«Тасдиқ мекунам»

Ректори ДДОТ ба номи

Садриддин Айнӣ д.и.т. профессор

_____________Ибодуллозода А.И.

«__20__»_____марти_____ 2024 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ, аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

## Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илм.

Диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба шиносномаи ихтисоси илмии 10.02.01. – Забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

Давраи Сомониён дар таърихи забони тоҷикӣ яке аз давраҳои сарнавиштсоз ба шумор меравад. Маҳз дар ин давра дастовардҳои бисёри илмию фарҳангӣ бо забони тоҷикӣ навишта шуданд. Илова бар ин, Сомониён аз ташвиқгарони асосии тарҷумаи китобҳои соҳаҳои гуногун ба забони тоҷикӣ буданд. Ин иқдоми амирони Сомонӣ, аз як тараф, ба эҷоди вожаҳову таъбирҳои нав дар забони тоҷикӣ мусоидат карда, аз тарафи дигар, муҷиби ҷовидона гаштани онҳо гардид. Дар байни асарҳое, ки дар давраи Сомониён ба забони модарии мо тарҷума шудаанд, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» мақоми хос ва ҷойгоҳи муҳим дорад. Чи тавре муаллифи диссертатсия ишора намудааст, «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» яке аз сарчашмаҳои мондагорсози воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ шинохта шуда, баёнгари тавоноии забони тоҷикӣ дар тули асрҳо мебошад” (саҳ.24).

Омӯзишу таҳлил ва муайян намудани хусусиятҳои сохториву семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ”, мушаххас намудани мафҳуму корбурди ВФ ва чигунагии муносибати мутарҷимони асар дар муодилёбиву муодилсозии фразеологӣ аз масоили меҳварии ин диссертатсия ба шумор меравад.

**Саҳми шахсии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.**

Аҳаммият ва дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, вазифаи асосии масъалаҳои таҳқиқшаванда, навгониҳои таҳқиқ, моҳияти назарию амалӣ ва сохтори умумии диссертатсия, ҳамзамон, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва натиҷагириҳои дар кор омада баёнгари саҳм ва нуқтаи назари хоси муаллиф нисбат ба мавзуи таҳқиқ мебошад. Инчунин, саҳми шахсии муаллиф дар омӯзиши назария ва консепсияҳои муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи баҳси диссертатсия, таҳлилу баррасии онҳо, омода намудани мақолаву суханрониҳо зоҳир мешавад.

Муаллиф дар диссертатсия дар асоси методҳои маъмулу санҷидашудаи забоншиносӣ, аз қабили мушоҳидаву муқоиса, синхрониву диахронӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ ва оморӣ барои бори аввал воҳидҳои фразеологиро аз ҷанбаҳои гуногуни сохториву маъноӣ дар “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” ба баррасӣ кашидааст.

Аз ин рӯ, бо итминони комил метавон таъкид кард, ки диссертатсияи аз ҷониби Султанзода Заррина анҷомёфта бо назардошти мушаххасоти тартиби баёни мавзуъ ва тарҳи мантиқан бонизоми бобу фаслҳо ва нуктаҳои муҳимми ба ҳимоя пешниҳодшаванда қобили қабул мебошад.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Диссертатсияи Султанзода Заррина аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳар фасл дар навбати худ фарогири чанд фасл мебошад. Навгонии илмии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия аввалин пажуҳиши монографӣ дар робита ба воҳидҳои фразеологӣ дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" мебошад. Барои нахустин бор дар ин диссертатсия воҳидҳои фразеологӣ аз ҷанбаҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор гирифта, ҳамзамон, ҷойгоҳи ин падидаи забонӣ дар шоҳкори насри классикӣ нишон дода шудааст.

Дар диссертатсия аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ дар асоснокӣ ва эътимоднокии илмӣ, таҳлилу баррасии хусусиятҳои хоси корбарии воҳидҳои фразеологӣ дар "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" сурат гирифта, дар он ба вижагиҳои тарҷумавӣ ва таълифии онҳо низ ишора шудааст.

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқ мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ ва нуктаҳои асосие, ки пешниҳод мегарданд, мушаххас нишон дода шудааст.

Дар **боби якуми диссертатсия** - «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикии ВФ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ», ки аз шаш фасл таркиб ёфтааст, муаллиф ба "Тарҷумаи Тафсири Табарӣ" ҳамчун сарчашмаи воҳидҳои фразеологии тоҷик ишора мекунад. Инчунин, дар фаслҳои ин боб муаллиф оид ба дидгоҳи мутарҷимон ба воҳидҳои фразеологӣ ва чигунагии муносибати онҳо ба корбурди ин падидаи забонӣ андешаронӣ намудааст. Муаллиф дар фаслҳои баъдии боби аввал ба таҳлилу баррасии масъалаҳои сермаъноӣ, синонимия ва дигар категорияҳои луғавии воҳидҳои фразеологии асар пардохтааст.

**Боби дувуми диссертатсияро,** ки «Ибора ва таркибҳои фразеологӣ бо феълҳои ёридиҳанда» ном гирифтаву аз 13 фасл иборат аст, муаллиф ба

таҳлилу баррасии ибораву таркибҳои фразеологии феълии “Тарҷумаи Тафсири Табарӣ” бахшидааст. Тибқи муҳтавои фаслҳо, муаллиф нахуст ба чигунагии феъли мавриди назар ва ҷойгоҳи он андешаронӣ карда, пасон ба овардани мисолҳо аз асар онҳоро таҳлилу баррасӣ кардааст. Илова бар ин, дар ҳар фасли ин боб то ҷойе ба омори дараҷаи истифодаи феълҳо дар сохтани воҳидҳои фразеологии асар ишора шудааст.

**Боби сеюми диссертатсия** - «Хусусиятҳои тарҷумавии ВФ дар асар», аз 7 фасл иборат буда, дар он муаллиф ба тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ дар асар таваҷҷуҳ намудааст. Аз таъкиди муаллиф ва аз муҳтавои боб бармеояд, ки “тақсимбандии он дар натиҷаи омӯзиш, таҳлил ва муқоисаи беш аз 120 воҳиди фразеологии қуръонӣ бо тарҷумаи он дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» сурат гирифтааст” (с.124).

Дар фасли аввали ин боб, ки “Тарҷумапазирӣ ва тарҷуманопазирии ВФ” унвон гирифтааст, муаллиф такя ба андешаҳои донишмандони ватаниву хориҷӣ падидаи тарҷумапазирӣ ва тарҷуманапазирии воҳидҳои фразеологиро баррасӣ намуда, ба хулосае меояд, ки “таъбир аз ҳолатҳои гуногуни руҳӣ, ки бештар дар шакли ВФ инъикос меёбанд, дар аксари забонҳо ҳамгунанд ва ин барои тарҷумапазир будани ин гуна падидаи забонӣ имконият фароҳам меорад” (с.122).

Дар фаслҳои дигари боби мазкур муаллиф ба таҳлили чигунагии роҳҳои истифодашудаи тарҷумаи воҳидҳои фразеологӣ аз ҷониби мутарҷимони асар пардохта, ишора ба он менамояд, ки гоҳе аз тарҷумаи маъноӣ ва гоҳе аз тарҷумаи калкавӣ ва гоҳи дигар овардани муродифоти луғавии воҳидҳои фразеологӣ баёнгари он аст, ки гузаштагони мо ба хусусиятҳои ин падида ба хубӣ ошноӣ доштаанд.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо барои беҳтар шудани ҳусни таҳқиқ мусоидат менамояд:

1) Фаслҳо дар бобҳои дувуму савум агар на ба гунаи кунунӣ, балки бо якҷо кардани бархе фаслҳо, масалан, боби дувум аз 4 фасл ба ҷойи 13 фасл

ва боби савум аз 3 фасл ба ҷойи фасл тақсимбандӣ мешуд, ин ба ҳусни кор меафзуд;

2) Дар баъзе маврид муаллиф аз иқтибосоти пай дар пай истифода бурдааст, ки ин ба ҳусни таҳлил ва муҳокима андак халал ворид намудааст (с.32, 74,120, 123);

3) Беҳтар мебуд, агар муаллиф шакли овонависи мисолҳои арабиро меовард;

4) Дар диссертатсия дар навишти бархе калимаҳо Қоидаҳои нави имлои забони тоҷикӣ риоя нашудааст. Масалан, калимаи гурӯҳ дар бештари маврид ба гунаи гуруҳ оварда шудааст (с.7, 18, 19, 21 ва ғ.).

Чи тавре ишора шуд, камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни диссертатсияро кам намекунад, балки ислоҳи онҳо боиси беҳбудии кор мегардад.

Мазмун ва муҳтавои **автореферат**, ки бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таълим гардидааст, ба диссертатсия пурра мувофиқат карда, муҳтавои асосии диссертатсия дар панҷ мақолаи муаллиф, аз ҷумла дар 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

**Аннотатсияи** диссертатсия, ки бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар охири автореферати диссертатсия оварда шудаанд, моҳияти илмии диссертатсияро ба таври фишурда инъикос мекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Султанзода Заррина дар мавзуи «Хусусиятҳои сохторӣ-семантикӣ ва тарҷумавии воҳидҳои фразеологӣ дар «Тарҷумаи Тафсири Табарӣ» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. - Забони тоҷикӣ мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 15-уми марти соли 2024, суратҷаласи №8 муҳокима ва тасдиқ гардид. Дар ҷаласаи кафедра иштирок дошт: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"
- 11 нафар, "зид" нест, "бетараф" нест.

**Раиси ҷаласа:**
Мудири кафедари назария ва
амалияи забоншиносии ДДОТ
ба номи С.Айнӣ, номзади илми
филология, дотсент Шерализода Адолат Шералӣ

**Ташхисгар:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи назария ва амалияи
забоншиносии ДДОТ ба номи С.Айнӣ Раҷабов Абубакр Ашурович

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа (PHD) Юсупов Шоҳин Раҳимбердиевич

**Суроға:** 734025, ш.Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 121, ДДОТ ба номи С.Айнӣ,
E-mail: info. tgpu.tj, тел.: 2241383

Имзои дотсент Шерализода А.Ш, дотсент Раҷабов А. А ва Юсупов Ш. Р-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С. Айнӣ Мустафозода Абдукарим
«19» 03 2024 с.